Бо қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
№____, аз «___» ________ с. 20___,
тасдиқ шудааст.

**Талаботи ҳадди ақал ба таъминоти барномавию техникии ташкилотҳои қарзии молиявӣ**

Талаботи ҳадди ақал ба таъминоти барномавию техникии ташкилотҳои қарзии молиявӣ (минбаъд - Талабот) мутобиқи қисми 5 моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” бо мақсади таъмини сатҳи зарурии амнияти иттилоот дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноил шудан ба сатҳи зарурии ҳимоя аз хавфҳои воқеии киберҳамлаҳо ва кам кардани хисороте, ки дар натиҷаи вайроншавии низомҳои иттилоотӣ ё амнияти иттилоот ба вуҷуд меояд, таҳия гардида, талаботи ҳадди ақалро нисбат ба таъминоти барномавию техникии ташкилотҳои қарзии молиявӣ муқаррар менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Мафҳумҳои асосие, ки дар Талаботи мазкур истифода мешаванд:

- BankNet – шабакаи ҳифзшудаи иттиҳодиявӣ (корпоративӣ), ки барои дастрасии ташкилоти қарзии молиявӣ ба низомҳои кории Бонки миллии Тоҷикистон истифода мешавад;
- Advanced Encryption Standard (AES) - алгоритми симметрии рамзкунонии блок (ҳаҷми блок 128 бит, калид 128/192/256 бит) буда, ҳамчун стандарти рамзкунонии Ҳукумати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико қабул шудааст;
- Demilitarized Zone (DMZ) - қисми шабака, ки хизматрасониҳои дастраси умумро дар бар гирифта, онҳоро аз хизматрасониҳои инфиродӣ ҷудо мекунад;
- Global Positioning System (GPS) - низоми роҳнамоии моҳвораӣ, ки масофаю вақтро чен карда, ҷойгиршавиро дар низоми худнишонгирири байналмилалии WGS 84 муайян менамояд;

- Intrusion Detection System (IDS) - воситаҳои барномавӣ ё таҷҳизотӣ, ки барои ошкор намудани дастрасии беиҷозат ба низоми компютерӣ ё шабака пешбинӣ шудаанд;

- Intrusion Prevention System (IPS) - воситаҳои барномавӣ ё таҷҳизотӣ, ки барои пешгирӣ намудани дастрасии беиҷозат ба низоми компютерӣ ё шабака пешбинӣ шудаанд;

- International Organization for Standardization (ISO) - созмони байналмилалие, ки стандартҳоро таҳия мекунад;

- Local Area Network (LAN) - шабакаи компютерӣ, ки компютерҳои дар масоҳати на чандон калон ҷойгирифта ва ё биноҳои на он қадар дур воқеъбударо ба ҳам пайваст мекунад;

- National Institute of Standards and Technology (NIST) - Донишкадаи миллии стандартҳо ва технология;

- Open Database Connectivity (ODBC) - ноқили барномавии дастрасӣ ба пойгоҳи маълумот ;

- POS-терминал - таҷҳизоти электронии барномавӣ-техникии қабули кортҳои пардохтӣ барои пардохтҳо;

- RJ45 (Registered Jack) - пайвасткунаки бақайдгирифташуда , ки дорои рақами тартибии 45 мебошад;

- Structured Query Language (SQL) - забони барномасозии эъломиявӣ, ки барои сохтан, тағйир додан ва идора кардани маълумот дар пойгоҳи маълумотитавзеҳотӣ релятсионӣ истифода мешавад;

- коммутатор - таҷҳизоти шабака, ки барои пайвасткунии чанд ҷузъи шабакаи компютерӣ дар доираи як ё чанд қисмати шабака истифода мешавад;

- файрвол - таҷҳизот ё барномае, ки барои полоиш кардани (иҷозатдиҳӣ ё манъи) интиқоли шабакавии додаҳо пешбинӣ шудааст. Файрвол дар асоси маҷмӯи қоидаҳо амал карда, барои ҳифзи шабакаҳо аз дастрасии ғайрирасмӣ пешбинӣ шудааст.

- низоми худкоригардонидаи бонкӣ (НХБ) - маҷмӯи таъминоти барномавӣ ва техникӣ, ки барои автоматизатсияи бизнес - равандҳои бонкӣ пешбинӣ шудааст.

- пойгоҳи маълумото (ПМ) - сохтори муташаккиле, ки барои нигоҳдорӣ, тағйирдиҳӣ ва коркарди маълумотҳои бо ҳам алоқаманд пешбинӣ гардидааст.

- низоми идоракунии пойгоҳи маълумотҳо (НИПМ) - маҷмӯи таъминоти барномавӣ, ки барои сохтани пойгоҳи маълумоти нав,

пуркунии он бо маълумотҳо, ворид кардани тағйирот ва нишон додани маълумотҳо пешбинӣ шудааст;

- ҳамгироии низомҳои иттилоотӣ раванди насби алоқа байни низомҳои иттилоотии ташкилоти қарзии молиявӣ мебошад, ки барои бадаст овардани муҳити ягонаи иттилоотӣ ва ташкили таъмини бизнес - равандҳои он пешбинӣ шудааст;

ҳамёни электронӣ - барнома ё маҷмӯи барномавӣ, ки барои нигоҳ доштани пулҳои электронӣ ва гузаронидани амалиёти ғайринақдӣ бо онҳо имкон медиҳад;

- нусхабардории эҳтиётии маълумот - раванди сохтани нусхаи маълумот дар таҷҳизоти интиқоли маълумот, ки барои барқарорсозии маълумот дар ҷои пештара ё нав ҳангоми зарар дидан ё хароб шудани маълумот пешбинӣ шудааст;

- барқарорсозии маълумот - раванди барқарорсозии маълумот дар ҷои пештара;

- гузарвожа - калимаи шартӣ ё маҷмӯи рамзҳо, ки барои муайян кардани шахсият ё уҳдадориҳо пешбинӣ шудааст;

- вируси компютер - намуди таъминоти барномавии зараровар, ки дар коди дигар барномаҳо, дар хотираи низом ва бахшҳои боркунӣ ворид шуда, нусхаҳои худро тавассути каналҳои гуногуни алоқа паҳн мекунад;

- барномаҳои зиддивирусӣ- барномаҳои махсуси компютерӣ, ки барои ошкорсозии вирусҳои компютер пешбинӣ шудаанд;

- аутентификатсия - раванди санҷиши аслӣ будани ягон чиз/шахс аз ҷумла, раванди тасдиқи аслият тавассути муқоиса намудани гузарвожаи дохилнамудаи истифодабаранда бо гузарвожаи дар низоми иттилоотӣ сабтшуда;

- аутентификатсияи бисёромила - аутентификатсияи васеъ буда, усули назорати дастрасӣ ба компютер, ки дар он истифодабаранда ҷиҳати дастрасӣ пайдо кардан ба маълумот бояд зиёда аз як далели механизми аутентификатсияро пешниҳод намояд;

- аутентификатсияи дуомила - як навъи аутентификатсияи бисёромила буда, методи муайян кардани истифодабаранда бо ёрии дархости маълумот аутентификатсионии ду намуди гуногун;

- авторизатсия - ба шахси муайян ё гурӯҳи шахсон додани ҳуқуқ барои иҷрои амалиётҳои муайян, ва/ё раванди санҷиши ҳуқуқи иҷрои чунин амалиётҳо.

2. Талаботи мазкур барои расидан ба ҳадафҳои зерин мусоидат менамояд:

- таъсиси инфрасохтори бехатарии технологияҳои иттилоотӣ дар ташкилоти қарзии молиявӣ ва ба вуҷуд овардани фазои комилан эътимодбахш ба технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (минбаъд -ТИК);

- таҳияи сиёсати амниятӣ мутобиқи стандартҳои байналмилалии амният ва таҷрибаи пешқадам;

- таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқӣ барои таъмини муҳити бехатар дар ташкилоти қарзии молиявӣ;

- баланд бардоштани сатҳи ҳифзу устувории ташкилоти қарзии молиявӣ дар тарҳрезӣ(лоиҳакашӣ), таҳия ва татбиқи манбаъҳои иттилоотӣ;

- яклухтии маҳсулот ва хизматрасониҳои ТИК тавассути ташкилкунии инфрасохтор барои назорати ин маҳсулот ва хизматрасониҳо;

- арзёбии хавфи фаъолияти ТИК;

- ташаккули огаҳӣ ва таъмини амнияти захираҳои инсонӣ.

3. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо мақсади ҳифзи иттилоот бояд иҷрои чораҳои зеринро таъмин намоянд:

- ба амнияти иттилоот диққати махсус дода, барои ҳифзи низомҳо, иттилоот ва идоракунии онҳо чораҳои зарурӣ андешанд;

- таъминоти барномавии худро пайваста такмил дода, ба стандартҳои мақбули умум мутобиқ созанд;

- зимни идоракунии хавфҳои амалиётӣ, ташкилотҳои қарзии молиявӣ бояд хавфҳои иттилоотии амалиётҳои молиявӣ, инчунин чораҳои коҳиш додани онҳоро ба назар гиранд ва ҳуҷҷатгузорӣ кунанд;

- равандҳои устуворӣ ва амнияти иттилоотро, ки метавонанд ба муттасилии фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, муштариёни онҳо ва таҳвилгарони хизматрасониҳо таъсир расонанд, баррасӣ намоянд;

- таҳдидҳои амнияти иттилоот ва имкониятҳои мавҷудаи низомҳои амниятиро барои кам кардани хавфҳо дарк ва дуруст арзёбӣ кунанд;

- дар сурати иштирок дар коркард, ҳифз ё интиқоли иттилооти марбут ба кортҳои пардохтии бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ, банкоматҳо

ё терминалҳои электронӣ (POS-терминалҳо) бояд шаҳодатномаи дахлдор дошта бошанд;

- методологияи идоракунии хавфҳо барои устуворӣ, иттилоот ва муттасилии фаъолият бояд ба стандартҳои байналмилалии NIST ва ISO мувофиқат кунад.

## БОБИ 2. СТРАТЕГИЯ ВА СИЁСАТИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТӢ

4. Стратегияи амнияти иттилоот бояд аз ҷониби роҳбарияти ташкилоти қарзии молиявӣ тасдиқ карда шавад. Стратегияи мазкур бояд ҳадди ақал соҳаҳои зеринро дар бар гирад:

1) муҳити таҳдиди киберҳамла ва таъсири эҳтимолӣ ба фаъолияти ташкилоти қарзии молиявӣ;

2) равишҳо ба идоракунии хавфи амнияти иттилоот, инчунин муайян ва назорат кардани сатҳи таҳдид ба амнияти иттилоотӣ;

3) принсипҳои татбиқи чораҳои зидди киберҳамлаҳо ва амнияти иттилоот.

5.Стратегияи амнияти иттилоот бояд ба қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, ба стандартҳои байналмилалии амнияти иттилоот (ISO27001) мувофиқат кунад.

6. Стратегия бояд на кам аз як маротиба дар ду сол, аз нав баррасӣ карда шавад, новобаста аз он ки дар ин муддат чӣ гуна навсозӣ талаб карда мешавад.

7. Санадҳои меъёрии дохилии марбут ба талаботи амнияти иттилооти ташкилоти қарзии молиявӣ бандҳои санади мазкурро дар бар гирифта, вале метавонанд бо он маҳдуд нашаванд.

8. Дар санадҳои меъёрии дохилӣ бояд сиёсат ва стратегияи ташкилоти қарзии молиявӣ дар соҳаи амнияти иттилоот мутобиқи ин талабот муайян карда шаванд. Инчунин,санадҳои меъёрии дохилӣ бояд ба ҳамаи равандҳои назорат ва методҳои ноил шудан ба ҳадафҳои ташкилоти қарзии молиявӣ дар соҳаи амнияти иттилоот, мутобиқат намоянд.

9. Дар санадҳои меъёрии дохилӣ бояд ҷанбаҳои зерин дарҷ карда шаванд:

- ҳадафҳои асосӣ ва ниёз ба амнияти иттилоот;

- масъулияти кормандон барои таъмини сатҳи баланди муҳофизат аз киберҳамлаҳо ва амнияти иттилоот;

- тавсифи муфассали чораҳои зарурии назорат ва истифодаи низоми мониторинг ва вокуниш ба ҳодисаҳо;

- баланд бардоштани сатҳи огаҳии кормандон, шарикони тиҷоратӣ, таъминкунандагон, таҳвилгарони хизматрасониҳо ва муштариён;

- ҷамъоварӣ ва табодули иттилоот байни кормандон ва дигар муассисаҳо.

10. Сиёсати мушаххаси татбиқи чораҳои амниятӣ бояд дар асоси сиёсати зидди киберҳамлаҳо ва амнияти иттилоот таҳия гардида, мунтазам нав карда шавад.

11. Дар асоси навгониҳои муосири соҳавӣ дар бахши амнияти иттилоот бояд тартиби мушаххасе роҳандозӣ шавад, ки тамоми масъалаҳои амнияти иттилоотро фаро гирад.

12. Тартибот бояд муфассал дарҷ гардида, ҳар як марҳила, раванд ва зерсохтореро, ки ба амалиётҳои молиявӣ, бехатарӣ, нусхабардории эҳтиётии маълумот, эътимоднокии низомҳо, барқарорсозӣ ва идораи маълумот тааллуқ дорад, дар бар гирад.

13. Равандҳо бояд ҳамасола ё дар мавриди зарурӣ пас аз тағйирот дар муҳити дахлдори корӣ ё технологӣ баррасӣ карда шаванд.

## БОБИ 3. ФЕҲРИСТИ ДОРОИҲОИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-КОММУНИКАТСИОНӢ

14.Ташкилотҳои қарзии молиявӣ бояд феҳристи ҳамаи дороиҳои технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсиониро таҳия намоянд.

15. Феҳристи мазкур бояд маълумоти зеринро дар бораи дороиҳои зерин дар бар гирад:

- дороиҳои иттилоотии ниҳодии моддӣ ва ғайримоддӣ;

- дороиҳои моддӣ ва ғайримоддии иттилоотӣ, ки дар бинои ташкилоти қарзии молиявӣ ҷойгир нестанд, вале таҳти масъулияти он қарор доранд;

- дороиҳои иттилоотӣ, ки берун аз доираи масъулияти ташкилоти қарзии молиявӣ мебошанд, аммо набудани ин дороиҳо ё корношоямии онҳо метавонад ба ташкилот таъсири манфӣ расонад.

16. Барои ҳар як дороӣ аз ҳисоби кормандони воҳидҳои сохтории дахлдори ташкилоти қарзии молиявӣ шахси масъул бо доштани салоҳият ва масъулияти зерин таъин карда шавад:

- истифодабарии дороӣ;

- таъмини яклухтии дорой ва додани дастур оид ба истифодабарии он ҳангоми рух додани ҳодисаҳои бо амнияти иттилоот алоқаманд;

- нусхабардорӣ ва таъмини барқарорсозии дорой пас аз рух додани ҳодиса;

- назорати дороиҳои технологияҳои иттилоотӣ, муайян намудани мутасаддиён ва сиёсати дастрасӣ ба чунин дороиҳо.

17. Ҳамаи кормандон бояд ба талаботҳои қабулшудаи истифодабарии дорой ҷавобгӯ буда, мутобиқати онҳо бо ҳуҷҷати дахлдор тасдиқ карда шавад.

18. Ҳар як дороии иттилоотӣ бояд аз рӯи гурӯҳҳои зерин тасниф карда шавад:

- муҳимият ё арзиши дороиҳо барои ташкилоти қарзии молиявӣ;

- ҳассосият дар робита ба амнияти иттилоотӣ, инчунин ба ҷанбаҳои ҳуқуқӣ;

- андозаи зарар ҳангоми вайроншавӣ, сохтакорӣ намудан ё ба муқобили ташкилоти қарзии молиявӣ равона шудани дороиҳои иттилоотӣ.

## БОБИ 4. ТАЛАБОТ БА ИНФРАСОХТОРИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-КОММУНИКАТСИОНӢ

19. Принсипҳои фаъолияти инфрасохтори технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар ташкилоти қарзии молиявӣ бояд ба талаботи амнияти иттилоотӣ мувофиқат кунанд.

20. Инфрасохтори технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бояд ба сатҳи хавфҳои амниятӣ, ҳассосияти иттилоот, сатҳи пешбинишудаи талафот ва қонунгузорӣ мувофиқат кунад.

21. Ташкилоти қарзии молиявӣ бояд усулу чораҳои заруриро барои пешгирӣ, ошкорсозӣ, ислоҳ ва ҳуҷҷатгузорӣ намудани вайронкории низоми технологияҳои иттилоотии худ татбиқ намояд.

22. Шабакаи дохилии коммуникатсионии ташкилоти қарзии молиявӣ бояд мувофиқи меъёрҳои марбут ба сохтори ташкилӣ, фаъолият ва ҳассосияти иттилоот ба қисмҳо ҷудо карда шавад.

23. Ташкилоти қарзии молиявӣ бояд бе иҷозат истифода гардидани васоити интиқоли маълумотро аз ҷониби кормандон манъ намояд.

24. Бо мақсади пешгирии воридшавии барномаҳои зараррасон ба шабака, системаҳо, серверҳо ва ҷойҳои корӣ бояд барномаҳои зиддивирусӣ насб карда шаванд.

25. Файлҳои дорои маълумоти махфӣ бояд тавассути рамзгузорӣ ҳифз карда шаванд.

26. Ташкилоти қарзии молиявӣ бо мақсади ошкор намудани амалҳои шубҳанок ё вайрон кардани сиёсати амниятӣ бояд мониторинги технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро ба роҳ монад.

## БОБИ 5. ТАЛАБОТ БА ШАБАКАИ МАҲАЛЛӢ ВА ТАҶҲИЗОТИ ШАБАКАВӢ

27. Шабакаи дохилии ташкилоти қарзии молиявӣ бояд ба меъёрҳои самаранокӣ, эътимоднокӣ ва амният ҷавобгӯ бошад.

28. Андозаи шабакаи дохилӣ метавонад бо ду компютер ё бештар аз он маҳдуд карда шавад.

29. Низоми ноқилӣ бояд мутобиқи талаботи стандарти ISO/IEC 11801 амалӣ карда шавад.

30. Барои пайвастшавӣ ба шабакаи дохилӣ, ҳар як ҷои корӣ бояд ҳадди ақал як васлаки RJ-45 дошта бошад.

31. Ҳамаи васлакҳои RJ-45 дар ҷойҳои корӣ ва коммутаторҳо бояд бо усули типографӣ ё чопгар нишонагузорӣ карда шаванд.

32. Ҳангоми насби ноқилҳои шабакавӣ бояд талаботҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

- ноқилҳо бояд дар паси шифти овезон, деворҳо аз гипсокартон , дар ҷойҳои махсус ё каналҳои ноқилӣ гузошта шаванд;
- зарур аст, ки ноқилҳо саросар бо таҷҳизоти махсус болопӯш карда шаванд;
-таҷҳизот ва тарҳвораҳо бояд дучанд эҳтиёт чанд карда шаванд;
-бо насб ва гузоштани ноқил бояд намуди зоҳирии бино халалдор нагардад.

33. Таҷҳизоти шабакавӣ бояд дар давоми ҳафта шабонарӯзӣ (24/7) кор кунад(вақти гузаронидани корҳои пешгирӣ ба назар гирифта намешавад.

34. Шумораи портҳои таҷҳизоти шабака (ё маҷмӯи онҳо) бояд фаъолияти тамоми(100%) ҷойҳои кориро фаро гирад ва ҳадди ақал 20% ҷойҳои эҳтиётӣ дошта бошад.

35. Роутер – бояд функсияи экранҳои байнишабакавӣ ва қобилияти таъин кардани рӯйхатҳои дастрасиҳоро барои ҳамгироии шабака дошта бошад.

36. Ҳама портҳои истифоданашудаи шабака бояд дастӣ ё бо истифода аз барномаи идоракунии дастрасӣ ба шабака ғайрифаъол карда шаванд.

37. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ бояд нусхаи эҳтиётии конфигуратсияи таҷҳизоти шабака ва элементҳои амнияти иттилоотро дар шакли рамзбандишуда дошта бошанд.

38. Шабакаи дохилӣ бояд аз ҷониби низоми амниятӣ, ки суръати шабакаи ворида ва содираро дар асоси қоидаҳои амниятии муайяншуда (ба монанди экрани байнишабакавӣ) идора менамояд, ҳифз карда шавад.

39. Шабакаи дохилӣ бояд аз шабакаҳои беруна ҷисман ё мантиқан ҷудо бошад. Ташкилоти қарзии молиявӣ бояд байни шабакаи дохилӣ ва шабакаҳои беруна (шабакаҳои “Banknet”, Интернет-провайдерҳо, муштариён ва таҳвилгарони хизматрасониҳо) маҳдудиятҳои ҷиддиро ба воситаи истифодаи файрволҳо (барномавӣ ва/ё таҷҳизотӣ) ворид намоянд.

40. Ғайр аз ин, ташкилотҳои қарзии молиявӣ бояд чораҳоеро, ба монанди минтақаи демилитаризатсия (DMZ), механизмҳои интиқол, полоиш ва тақсим кардани иттилоот, истифода баранд.

41. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ бояд таҷҳизоти махсуси шабакавиро барои муҳофизат аз ҳамлаҳо насб кунанд. Ин таҷҳизот бояд барои пешгирии ҳамлаҳо, назорати шабака ва низомҳо аз фаъолиятҳои зараровар ё вайронкунии сиёсати амниятӣ аз ҷониби ҳамлагарони дохилӣ ва беруна пешбинӣ карда шавад (аз ҷумла, IDS/IPS).

## БОБИ 6. ТАЛАБОТ БАРОИ ДАСТРАСИИ ФОСИЛАВӢ

42. Барои дастрасии фосилавӣ ба шабакаи корпоративӣ бояд дараҷаи баланди мушаххассозӣ ва аутентификатсия муайян карда шавад.

43. Ҳамаи ҷузъҳои таҷҳизоте, ки ба шабакаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дастрасии фосилавӣ доранд, бояд бо сертификати рақамӣ барои аутентификатсия имзо карда шаванд.

44. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ бояд дастрасии фосилавӣ ба шабака ва низомҳои асосиро танҳо дар ҳолати зарурӣ таъмин намоянд.

Дастрасӣ дар чунин ҳолатҳо бояд дар вақти муайян, тибқи салоҳияти шахси дархосткунанда таъмин карда шавад.

45. Дар ҳолати дастрасии фосилавӣ пайвастшавӣ ва рамзгузории бехатар таъмин карда шавад.

46. Ташкилотҳои қарзии молиявиро зарур аст низомеро мавриди истифода қарор диҳанд, ки дар дастрасии фосилавӣ мустақим набошад.

47. Дастрасӣ бояд тавассути сервери бехатар, ки рамзгузории канали алоқа, идоракунии гузарвожа ва назорати аудитро таъмин мекунад, амалӣ карда шавад.

## БОБИ 7. ТАЛАБОТ БАРОИ ДАСТРАСӢ БА ИНТЕРНЕТ

48. Дастрасии кормандон барои истифодаи Интернет бояд бевосита аз ҷониби роҳбарияти ташкилоти қарзии молиявӣ дар асоси арзёбии хавф ва таъмини чораҳои дахлдори назоратӣ таъмин карда шавад.

49. Корманд, пеш аз гирифтани иҷозати дастрасӣ ба Интернет, бояд санадеро ба имзо расонад, ки дар он ӯ аз хусуси истифодаи маводҳои манъшуда ва иҷозатшуда огоҳонида шудааст. Дар санади мазкур бояд қайд карда шавад, ки ҳамаи амалҳои корманд зери назорат гирифта мешаванд. Инчунин дар санади мазкур бояд ҳуқуқу уҳдадориҳои корманд ҳангоми истифодабарии хизматрасониҳои Интернет муфассал оварда шаванд.

50. Корманд аз ҷои кории муайян дар шароити зерин бояд ба Интернет дастрасӣ дошта бошад:

1) ҷои корӣ аз шабакаи локалӣ мантиқан ва ҷисман ҷудо карда шуда, дорои маълумоти махфӣ ё барномаҳои тиҷории муассисаи молиявӣ (масалан,НХБ) набошад;

2) пайвастшавӣ ба Интернет бояд тавассути прокси-сервери алоҳида амалӣ гардад. Прокси-сервер бояд ҳамеша муҳофизат ва назорат карда шавад.

51. Дар прокси-сервер ва ҷои кории пайваст ба шабакаи Интернет чораҳои эҳтиётии зерин бояд амалӣ гарданд:

полоиши муҳтаво ва ангалаҳо;

- пешгирии истифодаи истинодҳои зараровар;
- насби низомҳои ошкоркунии дахолат (IDS);
- насби экранҳои байнишабакавӣ (файерволҳо);

- насби барномаҳои зиддивирусӣ бо навсозии пойгоҳи додаҳои онҳо;
- ҷорӣ кардани рӯйхати сиёҳи сомонаҳо;
- ҷорӣ кардани дафтари қайди аудиторӣ, ки ҳамаи амалҳои корбарро ҳуҷҷатгузорӣ мекунад.

52. Санҷишҳо оид ба таҳаммулпазирӣ ва фарогирии хато барои хадамотрасон (сервер)-ҳо, таҷҳизоти ба Интернет пайвастшуда, аз ҷумла, инфрасохтори почта, бояд на камтар аз як маротиба дар ҳар семоҳа гузаронида шаванд.

## БОБИ 8. ТАЛАБОТ БАРОИ ИСТИФОДАИ ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ КОРПОРАТИВӢ

53. Ташкилоти қарзии молиявӣ расмиётро дар бораи амалҳои иҷозатшуда ва манъшуда дар робита бо почтаи электронӣ таҳия мекунад.

54. Корманди ташкилоти қарзии молиявие, ки барои истифодаи почтаи электронии корпоративӣ иҷозат гирифтааст, бояд санадеро имзо кунад, ки аз фаъолиятҳои иҷозатдодашуда ва манъшуда огоҳ аст, аз ҷумла дар бораи он ки фаъолияти почтаи электронӣ доимо назорат карда мешавад.

55. Ҳамаи файлҳои замима, ки метавонанд ба низом хатар эҷод кунанд (*. Exe , *. Bat , *. Com ), бояд тавассути почта ба таври худкор баста шаванд. Ба рӯйхати форматҳои чунин файлҳо илова ворид кардан мумкин аст.

56. Ҳангоми истифодаи почтаи корпоративӣ ба корманд анҷом додани корҳои зерин манъ аст:

- ирсол/қабул намудани паёмҳои электронии хусусияти корӣ надошта;
- ирсол/қабул намудани паёмҳои электронӣ бо замимаҳои дорои вирусҳо ва / ё дигар барномаҳои зараровар;
- хату хабарҳои хусусияти ангаладошта - мактубҳои "хушбахтӣ" ва монанд ба инҳо;
- ворид шудан ба манбаъҳои шубҳаовар тариқи истинодҳо ва дар саҳифаҳои шубҳанок рамз ва номи истифодабарандаи худро ворид намудан манъ аст.

57. Хадамотрасон (сервер)-ҳои почта ва низомҳои почтаи электронӣ бояд бо истифода аз чораҳои амниятӣ, аз ҷумла бо маҳдудиятҳои зерин таъмин карда шаванд:

- полоиш кардани муҳтаво ва ангаланомаҳо;

- низоми ошкор, бастан ва хабар намудан оид ба вайронкунии маълумот;

- файерволҳо;

- барномаи зиддивирусӣ.

## БОБИ 9. ТАЛАБОТ БА СОМОНАҲО ВА БАРНОМАҲОИ WEB

58. Сомона ва барномаҳои WEB-и ташкилоти қарзии молиявӣ бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгу бошанд:

- дар ҳар як саҳифаи сомона имконияти гузариш ба саҳифаи асосӣ имкон дошта бошад;

- мавҷудияти саҳифаи "Дар бораи мо" ва дар он дарҷ гардидани маълумоти пурра дар бораи ташкилоти қарзии молиявӣ;

-мавҷудияти усули муносиби муошират байни корбар ва ташкилоти қарзии молиявӣ;

-мавҷудияти имконияти ҷустуҷӯ дар сомона;

-мавҷудияти паёми мувофиқ барои саҳифаи хатои 404 (Error 404) ва мавҷудияти истинод ба саҳифаҳои холӣ ё саҳифаҳои ишорааш "дар раванди коркард";

- истифодаи забони возеҳу фаҳмо барои истинодҳо;

- дар ҳолати зарурӣ пешниҳоди истинодҳо ба матолиби манбаъҳои дигар;

- ҳуҷҷатгузорӣ кардани нақшҳо, расмиёт ва дастурамалҳо оид ба идоракунии мундариҷаи сомона ;

59. Сомона бояд дорои хадамоти махсусе бошад, ки имконияти таҳлилии сомона ва ҷамъоварии маълумот дар бораи амалиётҳои истифодабарандагони онро фароҳам орад.

60. Сомона бояд ҳадди ақал дорои муҳтавои бо ду забон нашршуда (тоҷикӣ ва англисӣ) бошад.

## БОБИ 10. ТАЛАБОТ БАРОИ НАЗОРАТИ ДАСТРАСӢ ВА АУТЕНТИФИКАТСИЯ

61. Субъекте, ки дастрасӣ ба низомҳои технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии ташкилоти қарзии молиявиро талаб мекунад, бояд аз расмиёти шиносоӣ ва тасдиқ гузарад.

62. Ғайр аз ин, ташкилотҳои қарзии молиявӣ вобаста ба имконияти молиявиашон, бояд низоми махсуси идоракунӣ ва назорати иҷозатномаҳои дастрасиро дошта бошанд. Дастрасӣ ба

низомҳои технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бояд аз тарафи аудити дохилӣ назорат ва ҳуҷҷатгузорӣ карда шавад.

63. Усулҳои дастрасӣ ба низомҳои технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ аз нигоҳи муайянсозӣ ва тасдиқ бояд қолабӣ (стандартӣ) буда, маълумотҳои зеринро дар бар гиранд: аз нигоҳи-с точки зрения, бо дарназардошти-с функцией определения.

- номи истифодабаранда ва рамз;

- тафтиши ҳуқуқи дастрасӣ бо истифода аз дастрасӣ ба низоми амалиётӣ сервер.

64. Зарур аст технологияе истифода шавад, ки шиносоӣ ва аутентификатсияи корбар, махфият ва дурустии маълумоти шахсии ӯро дар бар гирад.

65. Бояд механизми танаффус (time-out)-и сеансҳо баъд аз давари муайяни беамалии истифодабаранда дар низоми амалиётӣ истифода карда шавад. Вақти ниҳоии танаффус ба як дақиқа баробар бошад.

66. Лозим аст, ки ҷадвали вақти корӣ ва санаҳое, ки дастрасӣ ба захираҳои ТИК иҷозат дода шудааст, муайян карда шавад. Ин ҷадвал бояд ба ҳамаи кормандон тааллуқ дошта бошад. Истисноҳо аз ин қоидаҳо метавонанд нисбат ба маъмурон ва техникҳо татбиқ карда шаванд.

67. Ҳангоми гузаштани корманд ба воҳиди сохтории дигар, бояд ҳама иҷозатномаҳои ба ӯ тааллуқдоша бекор карда шуда, мувофиқи вазифаи нав иҷозатномаҳои нав ба ӯ дода шаванд.

68. Дастрасӣ ба шабакаи корпоративии ташкилоти қарзии молиявӣ танҳо пас аз гузаштани муайянкунӣ ва тасдиқкунии истифодабаранда пешниҳод гардад.

69. Барои низомҳои муҳим бояд механизмҳои аутентификатсияи дуомила (биометрӣ/корти интеллектуалӣ/нишона) таҳия карда шаванд.

70. Ба корбарон истифодаи номи истифодабаранда ва разми муштарак манъ аст. Ҳар як корбари низом бояд ном ва рамзи нотакрор ва муайяншаванда дошта бошад.

71. Вазифаи корбарон-истифодабарандагон ба ҷадвали вазифаҳои тасдиқшуда ва уҳдадориҳои вазифавӣ мутобиқ бошад.

72. Рӯйхати кормандоне, ки дар зиёда аз як вазифа кор мекунанд, муайян шуда бошад.

73. Бояд ҳуқуқи дастрасии ба кормандон додашуда ба уҳдадориҳои онҳо мувофиқ бошад.

## БОБИ 11. ТАЛАБОТҲО БА СИЁСАТИ ГУЗАРВОЖА ВА ИДОРАКУНИИ ГУЗАРВОЖАҲО

74. Шумораи ҳадди ақали гузарвожа бояд ҳашт аломат дошта бошад ё ба стандартҳои амалкунанда мувофиқат кунад.

75. Ҳама гузарвожаҳо бояд мураккаб ва нотакрор бошанд ва ҳадди ақал як аломатро аз чор гурӯҳи зерин дар бар гиранд:

- ҳарфи калон (A-Z);
- ҳарфи хурд (a-z);
- рақам (0-9);
- аломатҳои махсус (~ `! @ # $% ^ & * () + = _- {} [] \ ǀ:;” '? / <> ,.).

76. Бояд механизми сохтани гузарвожаи аввалин истифода бурда шавад ва он бояд тасодуфӣ бошад.

77. Гузарвожаи аввал бояд ба корбар тавассути канали алоҳида дода шавад.

78. Гузарвожаи ба истифодабаранда додашуда мумкин аст дар яке аз ҳолатҳои зерин бекор карда шавад:

- гузарвожаи ибтидоӣ, ки дар давоми се рӯзи пас аз пешниҳоди он истифода нагардидааст;
- бо дархости корманд ё дар ҳолатҳое, ки маъмур гумонбар шавад, ки гузарвожа ба дасти шахси сеюм афтодааст;
- пас аз якчанд кӯшиши номуваффақи воридшавӣ, вале на бештар аз панҷ кӯшиши пайдарпай;
- пас аз шаш моҳи истифода накардани низоме, ки барои он гузарвожа таъин шуда буд.

79. Ташкилоти қарзии молиявӣ бояд дорои механизмҳои махсуси идоракунии гузарвожаҳои кормандон бошад. Ин механизмҳо бо роҳи амалӣ намудани таъминотҳои барномавӣ, ки нигоҳдории рамз, ивази он ҳангоми гум кардан, аз тарафи маъмури низом иваз кардани рамз бе донистани рамзи корманди воқеиро дар бар мегиранд, таъмин карда мешавад.

## БОБИ 12. ТАЛАБОТ ОИД БА ТАҶҲИЗОТИ ХАДАМОТРАСОН (СЕРВЕР) ВА ҶОЙҲОИ КОРӢ

80. Ба рӯйхати таҷҳизоте, ки бояд муҳофизат карда шавад, тамоми таҷҳизоте, ки маълумоти электронӣ дорад ё ҳамчун қисми

хадамотрасон (серверҳо)-ҳо истифода мешавад, ноутбукҳо, платформаҳои иттилоотӣ, пойгоҳҳои телефонӣ, роутерҳо дохил мешаванд.

81. Сатҳи муҳофизатии таҷҳизотҳо тибқи меъёрҳои зерин муайян карда мешавад:

-таъсир ба фаъолият аз нуқтаи назари махфият, яклухтӣ ва дастрасии маълумоти дар таҷҳизоти дахлдор нигоҳдошташаванда;

- талафоти ҷисмонӣ ва дастнорасии таҷҳизот.

82. Иваз ё аз эътибор соқит гардонидани таҷҳизот бояд бо риояи шартҳои зерин амалӣ гардад:

- ҳама маълумотҳо, аз ҷумла файлҳои журнал , нишондиҳандаҳо ва танзимоти низом, бояд нест ё вайрон карда шаванд;

- дар ҳолатҳои зарурӣ ҳомилҳо (гирдаҳои сахти серверҳо ва компютерҳо) гирифта шуда, нобуд карда шаванд;

- ҳангоми несткунии ҷисмонии ҳомилҳо ё ҳама гуна таҷҳизоти фарсуда, бояд санади махсус тартиб дода шавад.

## БОБИ 13. ТАЛАБОТ БА НИЗОМИ ХУДКОРИГАРДОНИДАИ БОНКӢ

83. Талаботи умумӣ нисбат ба платформаи низоми худкоригардонидаи бонкӣ (НХБ):

- доштани интерфейси оммафаҳм;

- таъмини алоқаи байни формаҳо ва кам кардани воруди дастӣ;

- аз рӯи принсипи воруди ягонаи маълумот сохта шудани платформа;

- таъмин кардани ҳифзи маълумот ва ҷудо кардани маълумот аз рӯи сатҳи дастрасӣ;

-мавҷудияти модули ҳамоҳангсозии маълумот ва огоҳинамоии корбарон мавҷуд бошад;

-таъмини яклухтӣ ва равиши ягона барои пешбурди маълумоти меъёрӣ-феҳрастӣ таъмин карда шавад;

-имконияти ҳамгирой бо низомҳои беруна;

-мавҷудияти модули ҳисоботӣ ва модули таҳлилӣ;

-таъмини ҳамгирой ё модулҳо барои идоракунии муносибат бо муштариён, тиҷорати электронӣ ва маркетинг;

-аз тарафи як ширкат коркард шудани ҳамаи модулҳои функсионалӣ ва доштани хати дастгирии техникии 24 соат дар як шабонарӯз, 7 рӯз дар як ҳафта, 365 (366) рӯз дар сол;

- дастрасӣ доштани ҳамаи модулҳои функсионалии платформа барои кор бо сохтори маълумот;

- таъмини имкониятҳои ҳамаи модулҳои функсионалии платформа ҷиҳати мустақилона нигоҳ доштан ва инкишоф додани фаъолияти низом бидуни зарурати ҷалби ҳатмии машварати беруна.

84. Бизнес-барномаҳои низоми худкоригардонидаи бонкӣ (НХБ) бояд талаботҳои зеринро қонеъ гардонанд:

- сохтори зинагии зерсохторҳои ташкилоти қарзии молиявӣ;

- марказҳои хароҷот;

- танзими нақшаи ҳисобҳои корӣ бо дарназардошти филиалҳо;

- имконияти пешбурди кор бо нақшаи ҳисобҳо;

- бахши таҳияи шартнома (сохтани шартнома), аз ҷумла: маълумоти асосӣ (маҳсулот, асъор, имконияти тағйир додани навъи асъор), шарики тиҷоратӣ, шароити молиявӣ;

- бахши "Қарзҳо", аз ҷумла: сохтани маълумоти асосӣ барои шартномаҳои қарз, (меъёрҳои фоизӣ, муҳлат, асъор, комиссия, ҷарима, ҷаримаҳои аҳдшиканӣ, шартҳои пардохт ва ғ);

- бахши "Амонатҳо", аз ҷумла: танзимоти маҳсулот, шартҳо, асъор, муҳлат, меъёри фоизҳо, маблағ;

-  бахши "Таъмин";

- ҷабҳаи коркарди пардохт;

- ҷабҳаи кор бо кортҳои пластикӣ.

## БОБИ 14. ТАЛАБОТ БА ПОЙГОҲИ МАЪЛУМОТ

85. Пойгоҳи маълумот бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:

- татбиқи SQL-и бо стандарти ANSI 1992 мувофиқ;

- дастгирии стандарти Open Database Connectivity (ба ODBC);

- мавҷудияти имконияти назорати яклухтии пойгоҳи маълумот;

- дар ҳар лаҳзаи вақт маълумоте, ки дар пойгоҳи маълумот мавҷуд аст, бояд воқеӣ ва такмилшуда бошад;

- эътимоднокӣ ва яклухтии пойгоҳи маълумот набояд ҳангоми азкорбароии техникӣ осеб бинад.

86. Низоми идоракунии пойгоҳи маълумот бояд вазифаҳои зеринро таъмин намояд:

- идоракунии мустақими маълумот дар хотираи беруна ва амалиётӣ ва таъмини дастрасии самаранок ба онҳо дар раванди ҳалли масъалаҳо;

-нигоҳ доштани яклухтии маълумот ва идоракунии транзаксияҳо;

-пешбурди дафтари қайди тағйирот дар пойгоҳи маълумот ) барои барқарорсозии пойгоҳи маълумот ) пас аз нокомии техникӣ ё нармафзор;

- татбиқи забони тавсифи маълумот ва забони дархостҳо;

- таъмини амнияти маълумот;

- таъмини дастрасии ҳамзамон ба маълумот аз тарафи чанд корбар.

## БОБИ 15. ТАЛАБОТ БА ХИЗМАТРАСОНИИ ФОСИЛАВИИ БОНКӢ

87. Ташкилоти қарзии молиявӣ бояд намудҳои хизматрасониҳои фосилавии бонкиро, ки барои муштариёни он пешниҳод мешаванд, муайян намояд.

88. Истифодаи таҷҳизоти барномаҳои мобилиро дастгирикунанда, ки ба сатҳи рамзгузории мувофиқ имкон намедиҳад (ба монанди AES бо дарозии калиди ҳадди ақал 128 бит ва имзои рақамӣ), иҷозат дода намешавад.

89. Истифодабаранда/муштарӣ бояд барои истифодабарии хизматрасонии фосилавии бонкӣ ба ташкилоти қарзии молиявӣ розигӣ дода бошад. Сабти ин созишнома бояд дар компютерҳои ташкилот ҳифз карда шавад. Огоҳнома дар бораи гирифтани розигии истифодабаранда барои истифодаи барнома тавассути шабакаҳо, ба монанди паёмак (SMS) фиристода мешавад.

90. Пеш аз супоридани барнома ба муштариён, он бояд аз санҷиши таъмини чораҳои зарурӣ зидди киберҳамлаҳо ва амнияти иттилоотӣ гузарад ва доир ба натиҷаи санҷиш санади махсус тартиб дода шавад.

91.Барнома ба ғайр аз иҷозатномаҳои иҷрои вазифаҳои худ, набояд дигар иҷозатҳоро талаб кунад.

92. Интиқоли иттилооти тавассути барнома ирсолшаванда бояд ҳадди ақал барои истифодаи он пешбинӣ шавад.

93. Барнома набояд маълумоти махфиро дар дастгоҳи мобилӣ нигоҳ дорад. Маълумот ҳангоми истифодаи зарурӣ ба воситаи механизмҳои дастгоҳ бояд рамзгузорӣ карда шавад.

94. Муҳлати нигоҳдории иттилооти таърихӣ, маълумоти GPS ё дигар маълумоти махфӣ набояд аз вақти кории барнома зиёд бошад.

95. Маълумоти шахсии махфӣ пас аз баромадан аз барнома бояд аз ҷониби барнома нест карда шавад.

96. Бояд механизми муайянкунӣ ва аутентификатсия барои муайян кардани шахсияти корбарони барнома мавҷуд бошад.

97. Маълумоте, ки ба барнома ё аз барнома интиқол дода мешавад, бояд дар доираи имкониятҳои дастгоҳҳо рамзгузорӣ ва имзогузории рақамӣ карда шавад.

98. Барнома бояд барои аз дастгоҳи истифодабаранда истифода намудан ва/ё интиқол додани маълумоти ба кори барнома зарурнабуда имконият надошта бошад.

99. Пеш аз насб барнома бояд ҳатман соҳаи дастрасиашро ба маълумоти таҷҳизоти истифодабаранда ва хадамотҳои он хотиррасон намояд ва фақат баъди розигии он насб карда шавад.

## БОБИ 16. ТАЛАБОТ БА САТҲИ ОМОДАГИИ КОРМАНДОН ДАР СОҲАИ АМНИЯТ

100. Ҳар як корманди ташкилоти қарзии молиявӣ уҳдадор аст:

- курси таълимие, ки барои иҷрои вазифаҳои хизматии корманд зарур аст, ба итмом расонад ва дорои ҳуҷҷати тасдиқкунандаи маълумоти соҳавӣ бошад;
- курси омӯзиширо оид ба амният, дахолатнопазирӣ ва амнияти иттилоот гузарад, ба ҳуҷҷатҳои соҳаи амнияти иттилоот шинос шуда, бо имзои худ инро тасдиқ намоянд;
- махфияти маълумоти расмиро риоя кунанд;
- оид ба амалҳои иҷозатшуда ва манъшуда иттилоъ дошта, барои вайронкунии талаботи ҳифзи иттилоот масъулияти шахсӣ ба зимма дошта бошанд;
- дар соҳаи ҳифзи иттилоот ва амнияти иттилоот, инчунин, мафҳумҳои асосӣ ва қоидаҳо дониши кофӣ дошта бошад.